ОТЗЫВ

на автореферат диссертации аспиранта Центра инновационной биологии и медицины НАНТ РТ Холиковой Омины Умархоновны на тему: "Экспериментальное изучение некоторых фармакологических свойств тагетола" (экспериментальное исследование), представленной на соискание ученой степени кандидата биологических наук по специальности 14.03.06 – Фармакология, клиническая фармакология.

Несмотря на достигнутые достижения клинической медицины, заболевания печени и гепатобилиарной системы представляет собой одну из актуальнейших проблем современной медицины. Согласно данных ВОЗ в мире 2 млрд человек страдают различными патологиями печени.

Другой и наиболее актуальной проблемой современной медицины и фармакологии является гиперхолестеренемия и дислипидемия, что представляет собой один из ведущих факторов риска в развитии атеросклероза, сердечно-сосудистых заболеваний, стеатоза печени и желчнокаменной болезни.

В настоящее время в народной и современной медицине для лечения и профилактики заболевания печени и гепатобилиарной системы наряду с синтетическими препаратами широко используются лекарственные растения и препараты на их основе, в том числе флавоноидсодержашие растения. На основе флавоноидов расторопши пятнистой разработаны гепатопротекторные препараты карсил, легалон, силибор, силибин, силимарин, а также на основе лекарственных сборов разработан препарат Лив-52 и другие.

Исходя из этого, поиск новых гепатопротективных, противовоспалительных, желчегонных, гиполипидемических, антиоксидантных и спозмолитических препаратов на основе природных фитонцидов и эфирных масел считается актуальной задачей современной фармакологии. В настоящее время установлено, что эфирные масла обладают гепатопротекторными, желчегонными, антиоксидантными, антитоксическими, противовоспалительными свойствами.

В связи с этим, диссертационная работа Холиковой Омины Умархоновны на тему "Экспериментальное изучение некоторых фармакологически свойств тагетола" (экспериментальное исследование), представленной на соискание ученой степени кандидата биологических наук по специальности 14.03.06 – Фармакология, клиническая фармакология, является актуальной.

Согласно представленными в автореферате данными экспериментальных исследований, тагетол в дозах 0.01, 0.02, 0.04 г/кг веса оказывает выраженное желчегонное, гепатозащитное, антиоксидантное, антитоксическое, гиполипидемическое и противовоспалительное действие и по эффективности превосходит аналогичные свойства препаратов сравнения олиметина, карсила и гиполипида. Диссертантом также установлено, что действие тагетола в дозе 0.02 г/кг массы по эффективности превосходит не только таковое препаратов сравнения, но и его действие в других дозах.

Анализ автореферата диссертации Холиковой О.У., показал, что автором проведены всесторонние фармакологические и биохимические исследования тагетола, разработанного на основе эфирного масла бархатцев мелкоцветковых (Tagetes patula L.). Исследования были проведены на достаточно большом количестве животных, что дает основания для его дальнейшего клинического исследования у больных с заболеваниями печени и гепатобилиарной системы.

Результаты исследования, опубликованные в журналах, входящих в реестр рекомендуемых Высшей аттестационной комиссия (ВАК) при Президенте Республики Таджикистан и ВАК Российской Федерации, и патент на изобретение подтверждают обоснованность проведенных научных исследований.

Таким образом, диссертационная работа Холиковой О.У., является актуальной, результаты которой могут внести огромный вклад в развитие современной фармакологии, представляет собой оригинальное исследование, отвечающее требованиям новизны. Объем и структура автореферата соответствуют установленным требованиям научных работ аналогичного уровня. Диссертант продемонстрировал высокую степень структурированности материала, представив результаты исследования в логически последовательной форме и обосновав актуальность, научную и практическую значимость проведенного исследования.

Заключение: Автореферат диссертационной работы аспиранта Холиковой О.У. "Экспериментальное изучение некоторых фармакологически свойств тагетола" (экспериментальное исследование) на соискание учёной степени кандидата биологических наук с связи со своей актуальностью, новизной, вкладом в теорию и практику здравоохранения Республики Таджикистан, является завершённым научным трудом и соответствует требованиям раздела 3п. 31, 33, 34 "Порядок присуждения ученных степеней", утверждённого Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021 года, №267 (с внесением изменений и дополнений от 26 июня 2023 года, №295), предъявляемым к кандидатским диссертациям по специальности 14.03.06 – Фармакология, клиническая фармакология.

Доркина Елена Григорьевна,
доктор биологических наук, специальность
14.03.06 – Фармакология, клиническая фармакология,
доцент, профессор кафедры биологии и физиологии
Пятигорского медико-фармацевтического института
-филиала ФГБОУ ВО Волгоградский государственный
медицинский университет МЗ РФ
357532 г. Пятигорск, пр. Калинина, 11,
89283233047
elenadorkina@yandex.ru

Подпись(и) Доркиной Е.Г.
18.03.2024
Заверяю: Спец. по кадрам Ду Дуссе
Заместитель начальника отдела правового и кадрового обеспечения Пятигорского медико-фармацевтического института - филиала ФГБОУ ВО ВолгГМУ Минздрава России

Тарҷума аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ

/ОҒОЗИ ТАРҶУМАИ ҲУҶҶАТ/

Тақриз

ба автореферати диссертатсияи аспиранти Маркази биология ва тибби инноватсионии АМИТ ҶТ Холиқова Омина Умархоновна дар мавзӯи:

"Омӯзиши таҷрибавии баъзе аз хусусиятҳои фармакологии тагетол" (таҳқиқоти таҷрибавӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ пешниҳод шудааст.

Сарфи назар аз дастовардҳои бадастомадаи тибби клиникӣ, бемориҳои ҷигар ва системаи гепатобилиарӣ яке аз мушкилоти мубрами тибби муосир ба ҳисоб меравад. Тибқи маълумоти Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ), дар саросари ҷаҳон 2 миллиард нафар одам аз патологияҳои гуногуни ҷигар ранҷ мебаранд.

Масъалаи дигар ва аз муҳимтарин мушкилоти тиб ва фармакологияи муосир гиперхолестеринемия ва дислипидемия мебошад, ки яке аз омилҳои асосии хавфи рушди атеросклероз, бемориҳои дилу рагҳо, стеатози ҷигар ва санги талхадон маҳсуб аст.

Айни замон дар тибби халқӣ ва муосир барои муолиҷа ва пешгирии бемориҳои ҷигар ва системаи гепатобилиарӣ ҳамроҳ бо доруҳои синтетикӣ васеъ аз гиёҳҳои шифобахш ва доруҳои табиӣ, аз ҷумла растаниҳои дорои флавоноидҳо истифода бурда мешавад. Бар асоси флавоноидҳои гиёҳи Silybum marianum доруҳои гепатопротекторӣ, аз қабили карсил, легалон, силибор, силибин, силимарин таҳия гардидаанд, инчунин бо истифода аз маҷмӯи гиёҳҳои шифобахш доруи Лив-52 ва дигар доруҳо сохта шудаанд.

Аз ин рӯ, ҷустуҷӯи доруҳои нави гепатопротекторӣ, зиддиилтиҳобӣ, талхарон, гиполипидемикӣ, антиоксидантӣ ва спазмолитикӣ, ки бар асоси фитонцидҳо ва равғанҳои эфирии табиӣ таҳия мешаванд, яке аз самтҳои муҳим ва афзалиятноки фармакологияи муосир ба ҳисоб меравад. Айни ҳол маълум шудааст, ки равғанҳои эфирӣ дорои хосиятҳои гепатопротекторӣ, талхарон, антиоксидантӣ, антитоксикӣ ва зиддиилтиҳобӣ мебошанд.

Бо назардошти ин, диссертатсияи Холиқова Омина Умархоновна дар мавзӯи **"Омӯзиши таҷрибавии баъзе аз хусусиятҳои фармакологии тагетол"** (таҳқиқоти таҷрибавӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ пешниҳод шудааст, аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад.

Тибқи маълумоти таҳқиқоти таҷрибавӣ, ки дар автореферат оварда шудааст, тагетол дар миқдори 0,01; 0,02 ва 0,04 г/кг вазн дорои таъсири талхарон, гепатопротекторӣ, антиоксидантӣ, антитоксикӣ, гиполипидемикӣ ва зиддиилтиҳобӣ мебошад ва аз рӯи самаранокӣ хосиятҳои доруҳои муқоисашавандаи олиметин, карсил ва гиполипидро афзал мегузарад. Инчунин, диссертант муайян намудааст, ки таъсири тагетол дар миқдори 0,02 г/кг вазн на танҳо аз доруҳои муқоисашаванда, балки аз дигар миқдорҳои тадқиқшудаи он низ самаранoктар аст.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Холиқова О.У. нишон дод, ки муаллиф таҳқиқоти ҳамаҷонибаи фармакологӣ ва биохимиявии тагетолро, ки дар асоси равғани эфирии махмалаки майдагул (Tagetes patula L.) таҳия шудааст, анҷом додааст. Тадқиқотҳо дар теъдоди зиёди ҳайвонот гузаронида шудаанд, ки ин барои идомаи таҳқиқоти клиникии он дар беморони гирифтори бемориҳои ҷигар ва системаи гепатобилиарӣ асос медиҳад.

Натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар маҷаллаҳои воридшуда ба феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия нашр шудаанд, инчунин патенти ихтироъ, асосноки таҳқиқоти илмии гузаронидашударо тасдиқ мекунанд.

Ҳамин тариқ, кори диссертатсионии Холиқова О.У. муҳим ва саривақтӣ буда, натиҷаҳои он метавонанд саҳми назаррас дар рушди фармакологияи муосир гузоранд. Ин таҳқиқоти аслӣ ба талаботи навоварӣ ҷавобгӯ буда, сохтор ва ҳаҷми автореферат ба талаботи муқаррарнамудаи корҳои илмии ҳамсон мутобиқат мекунад. Диссертант дараҷаи баланди сохторбандии маводро нишон дода, натиҷаҳои таҳқиқотро бо тартиби мантиқӣ пешниҳод намуда, аҳамият, арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқоти гузаронидашударо асоснок кардааст.

Хулоса:

Автореферати кори диссертатсионии аспирант Холиқова О.У. дар мавзӯи "Омӯзиши таҷрибавии баъзе аз хусусиятҳои фармакологии тагетол" (таҳқиқоти таҷрибавӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ пешниҳод шудааст, бо назардошти аҳамият, навоварӣ ва саҳми он дар назария ва амалияи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон як таҳқиқоти илмии анҷомёфта маҳсуб мешавад ва ба талаботи фасли 3, бандҳои 31, 33, 34 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст (бо илова ва тағйирот аз 26 июни соли 2023, №295), ҷавобгӯ мебошад.

Доркина Елена Григорьевна, */имзо/*
доктори илмҳои биологӣ, ихтисос 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ, дотсент, профессори кафедраи биология ва физиологияи Институти тиббию фармасевтии Пятигорск – филиали Донишгоҳи давлатии тиббии Волгогради ВТ ФР

357532, ш. Пятигорск, хиёбони Калинин, 11, 89283233047
elenadorkina@yandex.ru

Тарҷумаи муҳри мудаввар:
Институти тиббию фармасевтии Пятигорск – филиали Муассисаи давлатии таълимии олии касбии Федералии "Донишгоҳи давлатии тиббии Волгоград"* Вазорати тандурустии Федератсияи Россия* Шӯъбаи таъмини ҳуқуқӣ ва кадрӣ* РМА 3444042472* РАБД 1023403441330

Тарҷумаи мӯҳр: Имзо(ҳо) */Ному насаб/*
Тасдиқ мекунам: */имзо/*
Муовини сардори шӯъбаи таъмини ҳуқуқӣ ва кадрии Институти тиббию фармасевтии Пятигорск – филиали Муассисаи давлатии таълимии олии касбии Федералии "Донишгоҳи давлатии тиббии Волгоград"
Вазорати тандурустии Федератсияи Россия

/АНҶОМИ ТАРҶУМАИ ҲУҶҶАТ/

Матни ҳуҷҷати мазкур аз русӣ ба забони тоҷикӣ аз тарафи ман, Киромова Ситорабону Баҳриддиновна тарҷума шудааст.

_____
(имзо)

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе
28 феврали соли 2025

0364376

Ман, БЕКНАЗАРЗОДА САЙФИДДИН БЕКНАЗАР, нотариуси калони давлатии идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе имзои тарҷумон Киромова Ситорабону Баҳриддиновнаро тасдиқ менамоям. Шахсияташ муқаррар карда шуд.

Дар феҳристи тахти № 13+2139 сабт гардидааст.
Ба с. 75 қисми боҷи давлатӣ ситонида шудааст.
Барои хизматрасонии нотариалӣ: 18 с. 75 д.

НОТАРИУСИ КАЛОНИ ДАВЛАТӢ.